## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба рисолаи номзадии Элмуродова Давлатбӣ Анваровна дар мавзӯи «Масъалаҳои модарӣ дар оилаҳои нопурраи ҷомеаи муосири Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050100 – Сотсиология (6D050104 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ)**

Дар шароити афзоиши раванди ҷаҳонишавӣ ва ташаккулёбии воситаҳои муосири иртиботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои нави оилавӣ пайдо шуда, таъсири ин раванд ба оила, бахусус, оилаҳои ҷавон зиёд ба назар мерасад. Воридшавии фарҳанги бегона ба муносибатҳои оилавӣ, омузиши таҳдидҳои гуногун ба муносибатҳои оилавӣ муҳим будани масъаларо асоснок мекунад. Падидаҳои номатлуби муосир боис шуда истодаанд, ки институти оила вазифаҳои анъанавии худро, ба мисли танзими муносибатҳои байни зану мард аз даст дода истода, мавқеи иҷтимоии занон дигар гашта, дар маҷмуъ дар раванди иҷтимоъшавии шахс низ мушкилот пеш омада истодааст. Дар робита бо ин, тадқиқоти пешниҳодшуда проблемаи модарони танҳоро низ баррасӣ мекунад, ки онҳо дар танҳоӣ масъулияти таълиму тарбияи фарзандонро уҳда мекунанд.

Ҷанбаи дигаре, ки муҳиммияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсиониро баланд мебардорад, дар он аён мегардад, ки **масъалаҳои модарӣ дар оилаҳои нопурраи ҷомеаи муосири Тоҷикистон** бори нахуст дар илми сиёсии ватанӣ мавриди баррасии маҷмӯи қарор гирифтааст.

Яке аз паҳлӯҳои дорои аҳамияти махсуси илмӣ таҳқиқотӣ– таҳлили сатҳи омӯзиши мавзӯъ маҳсуб меёбад. Таҳлили амиқ, гурӯҳбандии дақиқ вобаста ба самти таҳқиқот, муайян намудани нуктаи назари олимони алоҳидаи хориҷӣ ва ватанӣ вобаста ба масъалаи таҳқиқшаванда ба муаллиф имконият додаанд, ки чаҳорчӯбаи таҳқиқотии худро мустақилона муайян намояд. Ҷанбаҳои назариявии мавзӯъро алоҳида таҳлил намуда, сатҳи татбиқи амалии онҳоро дар таҷрибаи иҷтимоӣ мавриди таҳқиқу омӯзиш ва арзёбӣ қарор диҳад. Чунин муносибати таҳқиқотӣ аз он дарак медиҳад, ки муаллиф моҳияти масъаларо ҳам аз диди амалӣ ва ҳам аз диди назариявӣ хеле хуб матраҳ намудааст.

Яке аз паҳлӯҳои дорои аҳамияти махсуси илмӣ – ин таҳлили сатҳи омӯзиши мавзӯъ маҳсуб меёбад. Таҳлили амиқ, гурӯҳбандии дақиқ вобаста ба самти таҳқиқот, муайян намудани нуктаи назари олимони алоҳидаи хориҷӣ ва ватанӣ вобаста ба масъалаи таҳқиқшаванда ба муаллиф имконият додаанд, ки чаҳорчӯбаи таҳқиқотии худро мустақилона муайян намояд. Ҷанбаҳои назариявии мавзӯъро алоҳида таҳлил намуда, сатҳи татбиқи амалии онҳоро дар таҷрибаи сиёсӣ мавриди таҳқиқу омӯзиш ва арзёбӣ қарор диҳад. Чунин муносибати таҳқиқотӣ аз он дарак медиҳад, ки муаллиф моҳияти масъаларо ҳам аз диди амалӣ ва ҳам аз диди назариявӣ хеле хуб матраҳ намудааст.

Таҳлили асосҳои методологии таҳқиқот аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф дар раванди омӯзишу таҳлили мавзӯи диссертатсияи худ методҳои илмии таҳлили системавӣ, мантиқӣ, сотсиологӣ, муқоисавӣ ва сохторию функсионалиро истифода бурдааст.

Диссертант мақсад, объект ва предмети таҳқиқотро дақиқ муайян намуда, ҳамзамон муваффақона вазифаҳоеро низ тарҳрезӣ намудааст, ки баҳри ба даст овардани мақсади гузошташудаи таҳқиқот заруранд. Навгонии илмии таҳқиқоти мазкурро диссертант ба таври мушаххас муайян намудааст, ки ҳамаи онҳо аз диди илмӣ асоснок карда шудаанд. Махсусан, он ҷанбаҳое, ки асосноккунии назариявии равандҳои дар ҷомеа тоҷик рухдода ва имрӯз дар он ҷараёндоштаро тавсиф мекунанд, дорои аҳамияти хоссаи илмӣ мебошанд. Чунончӣ:

- аввалин маротиба дар илми сотсиологияи Тоҷикистон зуҳуроти иҷтимоии модарӣ дар оилаҳои нопурраи Тоҷикистон таҳқиқ гардида, назарияҳо ва равишҳои илмии он мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифт;
- дар раванди таҳқиқи мавзуи диссертатсионӣ омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангии пайдоишу паҳншавии оилаҳои нопурра ва модарони танҳо муайян карда шуда, бо далелҳои илмӣ асоснок гардиданд;
- вобаста ба натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ механизмҳои иҷтимоишавии кӯдакону наврасон дар шароити оилаҳои нопурра ва таъсири рафтори модарони танҳо ба таълиму тарбияи фарзандон нишон дода шуданд. Муайян карда шуд, ки дар сурати аз ҷиҳати иҷтимоӣ ҳифз нагардидани модарони танҳо дар оилаҳои нопурра ҳодисаҳои номатлуби иҷтимоӣ, каҷрафтории иҷтимоии наврасону ҷавонон, иҷтимоишавии нодурусти фарзандон, падидаи худкушӣ, низоъҳои оилавӣ ва афсурдаҳолии равонии модарон меафзоянд;
- дар раванди омӯзишу таҳлили мавзуи диссертатсия барои ҳалли масъалаҳои модарӣ дар оилаҳои нопурра, бартараф намудани мушкилоти раванди иҷтимоишавии кӯдакон дар оилаҳои нопурра ва беҳтар намудани вазъи зиндагии модарони танҳо дар оилаҳои нопурра низоми чорабиниҳо ва тавсияҳо пешниҳод карда шуданд.

Муқаррароти асосие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд, аз ҷониби муаллиф пурра асоснок карда шуда, ифодагари мазмуни асосии диссертатсия, тибқи мақсаду вазифаҳои муқарраркарда мебошанд.

Диссертатсияи **Элмуродова Д.А. аз** муқаддима, ду боб, панҷ зербоб, хулоса ва рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Таҳлили сохтори диссертатсия нишон медиҳад, ки он мантиқан дуруст ва системанок таҳия ва коркард шудааст.

Дар боби аввал **"Асосҳои назариявӣ-методологии омӯзиши оилаҳои нопурра"**, муаллиф оид ба тавсифи назариявии мафҳумҳои

«модарӣ» ва «оилаи нопурра» қайд намудааст, ки "модарӣ зуҳуроти муҳимтарини ҳастӣ ва механизми асосии такрористеҳсолнамоии ҷисмонӣ ва иҷтимоию фарҳангии инсоният" мебошад. Модарӣ эҳсоси дар ҷомеа иҷро намудани нақши иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад ва мақоми модарӣ бояд чун яке аз муқаддасоти ҷомеа нигоҳ дошта шавад, зероояндаи мо, пешрафти ҷомеа аз мақоми иҷтимоӣ ва вазъи зиндагии модарон вобастагии калон дорад. Муносибати кӯдак ва модар дар рушди шахсияти кӯдак нақши асосӣ дорад, арзишҳо ва афзалиятҳои фарҳангиро модар ба кӯдак медиҳад ва пасон, иҷтимоишавии он сар мешавад.

Дар таърихи афкори иҷтимоии халқи тоҷик, аз ҷумла таълимоти А. Рӯдакию А. Фирдавсӣ, Абунасри Форобӣ ва то А. Дониш модарӣ муҳимтарин воситаи нигоҳдошти насли инсоният, таълиму тарбияи насли солим ва ҳифзи арзишҳои иҷтимоӣ эътироф гардидааст ва ин андеша дар назарияҳои олимони аврупоӣ Ф. Энгелс, Э. Дюркгейм, П.А. Сорокин, Г.В.Ф. Гегел, И.Г. Гердер, И. Кант, А. Шопенгауэр ва дигарон низ ба ҳамин мазмун таъкид шудааст.

Дар шароити имрӯзаи ҷомеаи мо, ки пур аз таззод аст ва зуҳуротҳои гуногуни ногувор пайдо шудаанд, нақши модарӣ дар рушди маънавии ҷомеа, ҳифзи фарҳанг ва арзишҳои миллӣ, боло бардоштани ҳувият, худшиносии миллӣ ва ҳисси ватандӯстии ҷавонон аз ҳарвақта дида бештар аҳамият пайдо намудааст.

Муаллиф дуруст таъкид намудааст, ки зери таъсири омилҳои иҷтимоӣ ва маданӣ оилаҳо вазифаҳои институтсиониалии худро дар сатҳи зарурӣ иҷро карда наметавонанд. Яке аз чунин намуди оилаҳо дар Тоҷикистон оилаҳои нопурра бо модари танҳо мебошанд. Ин назария дар солҳои 40-уми асри XX аз тарафи Э. Дювал, Р. Хилл, П.А. Гликом ва намояндагони назарияи интераксионизми рамзӣ Ҷ.Г. Мид, Э.В. Бургес ва У. Уоллер кор карда баромада шудааст. Мувофиқи ин назария ҳар як оила марҳилаҳои муайяни ҳаётии худро мегузарад.

Ба сифати сабаби модарии танҳо ва оилаҳои нопурра ҷудошавии ҳамсарон, марги яке аз ҳамсарон, таваллуди кӯдак берун аз никоҳ ва ҷудоии ҳамсарон бо сабабҳои ба онҳо алоқаманд набуда, мисли ҷангҳо, муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ ва ғайраҳоро мебинанд. Муаллиф барҳақ зикр доштааст, ки модарӣ ҳамчун институти иҷтимоӣ бояд нерӯманд гардонида шавад, модарон ва меҳнати онҳо аз ҷониби ҷомеа қадр гардад, мақоми зан - модар дар ҷомеа боло бардошта шавад, модароне, ки ба вазъи мушкили зиндагӣ дучор гардидаанд, махсусан, модарони танҳо аз тарафи мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ ва намояндагони институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мавриди дастгирӣ ва кумак қарор гиранд.

Довталаб Д.А. Элмуродова дар заминаи илмӣ-назариявии рисолаи мазкур ба корҳои донишмандони соҳаи сотсиология, психология, фалсафа, фарҳангшиносӣ ва таҳқиқотҳои гендерии ватанию хориҷӣ такя намуда, муҳим будани мавзуъро асоснок карда, вазифаҳои модарони танҳоро дар таълиму тарбияи фарзандони ноболиғ, таъминоти иқтисодӣ ва ҳифзи иҷтимоии онҳо қайд мекунад. Диссертант дар рисола оид ба

оилаҳои нопурра, вазифаҳо, хусусиятҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ва равонии онҳо, иҷтимоишавии кӯдакон дар онҳо, вазъи иҷтимоии модарони танҳо, сатҳи кори иҷтимоӣ бо оилаҳои нопурра ва модарони танҳо маълумот дода, қайд мекунад, ки ин масъалаҳо дар сатҳи зарурӣ омӯхта нашудаанд.

Дар боби дуввуми диссертатсия **"Шароити зиндагии модарони танҳо дар тоҷикистони муосир"** оид ба мазмуни никоҳ, нақшҳои оилавӣ, тавлиди фарзанд ва тағйирёбии сохтори иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон сухан меравад. Пас аз солҳои 90-ум ва бӯҳрони иқтисодӣ оилаҳои серфарзанд ва васеи тоҷикистонӣ ба мушкилии ҷиддии иқтисодӣ гирифтор гардиданд. Дар навбати аввал камбизоатӣ ва сатҳи пасти шуғли занҳо, дастрасии маҳдуди модарони танҳо ба бозори меҳнат, зиёд шудани ҳиссаи модарони танҳо дар муҳоҷирати меҳнатӣ ва урфу одатҳои муқарарии хонаводаҳо дар самти муносибатҳои оилавӣ мушоҳида карда мешаванд.

Гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисоди бозоргонӣ ва пайдоиши шаклҳои гуногуни моликият зуҳуроти бекориро байни занон ба вуҷуд оварда, сатҳи баланди афзоиши таваллуд, мавҷуд набудани ҷои кор, маоши ночиз, афзоиши нерӯи кории деҳот дар қиёс ба шаҳр вазъи шуғли аҳолиро мушкилтар гардонидааст. Сабабҳои асосии бекории занон анъанаҳои гузашта, сатҳи пасти тахассусмандӣ, аз таҳсил ва бозомӯзӣ дур мондан, вазнинии меҳнати хона ва тарбияи кӯдакон, паст будани музди маош ва аз тарафи кордиҳандаҳо қабул накардан ба кор ва ғайраҳо ба ҳисоб мераванд. Дар шароити имрӯза интихоби фаъолияти касбӣ ба зан сабукие намеорад ва аксарияти корфармоён кӯшиш менамоянд, ки занону духтаронро камтар ба кор ҷалб намоянд.

Модарони танҳо новобаста ба сабабҳо чунин мақом пайдо намуданашон (вайроншавии оила, фавти яке аз ҳамсарон ё беникоҳ тавлид намудан) ба як қатор мушкилоти иҷтимоӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Ба воя расонидани фарзандон ба модарони танҳо як мушкилии ҷиддӣ буда, бе кумаку дастгирии давлат, ташкилотҳо ва атрофиён ба анҷом расонида наметавонанд.

Масъалаҳои муҳими иҷтимоию иқтисодии модарони танҳо таъмини манзили зист ва ташкили шароити зиндагӣ мебошад. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки модарони танҳо асосан касбу ихтисоси рӯзгузаронӣ надоранд, хеле барвақт оиладор шудаанд ва барои зиндагии мустақилона ва бешавҳар омода нестанд. Оилаҳои нопурраи тоҷик эҳтиёҷманд буда, ба камбизоатӣ, бекорӣ, бепарасторӣ, сатҳи нокифояи саводнокии кӯдакон, боло рафтани ҷинояткорӣ, нашъамандӣ, майхорагӣ, танфурӯшӣ дучор мешаванд.

Нисбат ба занони бефарзанд модарони танҳо дар бозори меҳнат имкони дарёфти кори нопурра доранд, онҳо танҳо дар ҳамон соҳаҳои бозори меҳнат фаъолият мекунанд, ки аз онҳо

донишҳои махсус, таҷрибаи калони корӣ ва реҷаи ҷиддии корӣ талаб карда намешаванд. Аз сабаби он ки модарони танҳо дар қонунгузории меҳнатии Тоҷикистон имтиёзҳои махсус доранд (масалан, кумакпулиҳо, бо сабаби кӯдаки хурдсол доштан, қатъ нашудани шартномаи меҳнатӣ) аксарияти корфармоён барои ба кор қабул намудани модарони танҳо худдорӣ менамоянд.

Мушкилии дигаре, ки имрӯз баъзе аз модарони танҳо дар ҷойи кор рӯ ба рӯ мегарданд, зӯроварии шаҳвонӣ мебошад. Зӯроварии шаҳвонии занон дар ҷойи кор дар Тоҷикистон аксар вақт аз назари ҷомеа пинҳон мемонад, худи занон кӯшиш менамоянд, ки дар ин бора хомӯш бошанд, зеро оммавӣ намудани ин мушкилӣ ба онҳо як қатор масъалаҳои дигарро бор менамояд. Аввалан, ин гуна занонро атрофиён маҳкуму маломат мекунанд ва баъдан, онҳо дар ҷойи кор ба мушкилӣ гирифтор шуда, ҳатто эҳтимолияти аз кор озод шуданашон ба миён меояд.

Яке аз стратегияи модарони танҳо дар ҳолатҳои мушкилоти зиндагӣ рӯй овардан ба муҳоҷирати меҳнатии хориҷа мебошад. Модарони танҳое ҳастанд, ки дар Тоҷикистон фарзандони худро дар ихтиёри хешовандони наздики худ вогузошта ба вақти пурраи корӣ машғул мегарданд. Масъалаи дигаре, ки дар ин ҷо бояд мавриди таваҷҷуҳ қарор гирад, ба шаҳрҳо омадани модарони танҳо мебошад. Баъзе аз модарони танҳо аз сабаби мушкилии таъминоти иҷтимоии хонавода ва кӯдаконашон даст ба ҳар гуна каҷрафториҳо мезананд. Барои модарони танҳое, ки дар муҳити шаҳрӣ зиндагӣ ва кору фаъолият мекунанд, манзили зист мушкилии асосии ба ҳисоб меравад. Бештари ин гуна модарон қисми зиёди маош ва даромади пулии худро ба иҷорапулӣ сарф мекунанд.

Дар масъалаи иҷтимоишавии кӯдакон дар оилаҳои нопурраи Тоҷикистон бояд зикр намоем, ки иҷтимоишавӣ қабл аз ҳама раванди азхуднамоии меъёрҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва нақшҳои иҷтимоӣ мебошад, ки тамоми умр давом мекунад. Иҷтимоишавии шахс яке аз масъалаҳои муҳими ҷомеа буда, дар ҳолати нодуруст корбаст намудани он боиси пайдоиши каҷрафториҳои иҷтимоӣ: бадахлоқӣ, оворагардӣ, нашъамандӣ, дуздӣ, ғоратгарӣ, майхорагӣ ва дигар рафторҳои ношоями фардӣ ва гурӯҳи мегардад.

Дар оилаҳои нопурра масъалаи амалӣ намудани вазифаи иҷтимоишавии кӯдакон бисёр шиддат мегирад, зеро оилаи нопурра ин вазифаи худро дар сатҳи зарурӣ ба сомон расонида наметавонад. Бо назардошти он, ки қисми зиёди оилаҳои нопурра аз модару фарзандони ӯ иборат мебошанд, одатан, ин масъалаҳо ба занон дахл доранд.

Масъалаи ба кор таъмин намудани модарони танҳо аз масъалаҳои муҳими сиёсати иҷтимоии мамлакат ба ҳисоб меравад. Оилаҳои нопурра ва модарони танҳо на танҳо эҳтиёҷ ба кумакҳои моддӣ, балки ба талабот ба бехатарӣ ва муҳофизат дар низоми муносибатҳои иҷтимоӣ, эҳтиёҷ ба

аз худ намудани роҳҳои мустақилона ҳал намудани масъалаҳои ҳаётӣ, танзими муносибатҳо ба фарзандон ва ва ҷомеаро доранд.

Дар масъалаи **"Шароити зиндагии модарони танҳо дар Тоҷикистони муосир"** диссертант қайд мекунад, ки гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисоди бозоргонӣ ва пайдоиши шаклҳои гуногуни моликият дар соҳаи иҷтимоӣ-меҳнатӣ, тағйир ёфтани арзишҳо ва интизориҳои шаҳрвандон, пайдоиши талаботҳои нави бозори меҳнат ва технологияи нави истеҳсолӣ зуҳуроти бекориро ба вуҷуд оварданд. Дар диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқотҳои сотсиологӣ, санадҳои алоқаманди меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъала, маводи оморӣ, маводи нашрии ВАО ва маводи интернетӣ васеъ истифода гардидаанд. Дар натиҷаи таҳлили таҳқиқотҳои илмии гузаронидашуда ва омӯзиши адабиётҳои илмӣ ба хулоса омадан мумкин аст, ки масъалаи модарӣ дар оилаҳои нопурра дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле кам омӯхта шуда, оид ба ин мавзуъ таҳқиқоти илмии густурда ва амиқу васеъ анҷом наёфтааст.

Диссертатсияи мазкурро муаллиф ҳамчун таҳқиқоти бунёдии илмӣ бо равиши сотсиологӣ дар бораи модарӣ навгонӣ муайян кардааст. Дар он аввалин маротиба дар илми сотсиологияи тоҷик зуҳуроти иҷтимоии модарӣ дар оилаҳои нопурраи Тоҷикистон таҳқиқ гардида, назарияҳо ва равишҳои илмии он мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифтааст

Дастгоҳи илмии рисола хеле хуб таҳия карда шудааст. Мо паҳлуҳои мусбии илмии диссертатсияро қайд намуда, таваҷҷуи муаллифро ба бозбинии масъалаҳои зерин ҷалб менамоем:

1. Хуб мебуд, ки агар ба истилоҳоти забони хориҷӣ шарҳи пурраи илмӣ дода мешуд ва дар ҳар як боб хулосаҳои мушаххас баён мегардиданд.
2. Баъзе фикрҳои муаллиф оид ба иҷтимоишавӣ баҳснок мебошанд ва хуб мебуд, агар муаллиф тасдиқи онҳоро низ дар тавсияҳои худ асоснок менамуд (масалан, ба ақидаи муаллиф писароне, ки дар тарбияи модарон ба воя мерасанд, бештар хислатҳои гуногуни духтаронаро касб мекунанд).
3. Нақши институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар дастгирии модарӣ шарҳу баррасии пурраро металабад.
4. Ба назари мо, муаллиф бояд ба масъалаи таъсири фарҳанги ҷомеа ва институти ВАО дар иҷтимоишавии кӯдакони оилаҳои нопурра низ ишора менамуданд.
5. Дар матни диссертатсия ва автореферат хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ низ ва якчанд ҷумлаҳои услубан хато роҳ ёфтаанд.

Эродҳои нишондодашуда аҳамияти илмии натиҷаҳои ба дастовардаи муаллифи диссертатсияро кам накарда,
Тоҷикистон» кори илмӣ-таҳқиқотии ба анҷомрасида мебошад. Диссертатсияи Элмуродова Д.А. ба меъёрҳо ва талаботҳои аз

ҷониби КОА-и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда комилан ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсия эҷодкорона ва мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи илмӣ мебошад. Сатҳи навгонӣ, пешниҳоду тавсияҳои илмӣ ва амалӣ, тарзи навишт, масъалагузорӣ, услуби таҳқиқоти илмӣ, номгуи мақолаҳои илмӣ ва фишурдаи маърузаҳо, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, саҳми шахсии муаллифро дар эҷоди диссертатсия нишон медиҳанд. Автореферат ва мақолаҳои илмӣ комилан мазмуни диссертатсияро пурра инъикос мекунанд.

Дар маҷмуъ диссертатсияи Элмуродова Давлатбӣ Анваровна дар мавзуи **«Масъалаҳои модарӣ дар оилаҳои нопурраи ҷомеаи муосири Тоҷикистон»**, ба талаботҳо талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050100 – Сотсиология (6D050104 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:** номзади илмҳои фалсафа,
дотсенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии
Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи
М. Назаршоев **Назархудоева Л.Т.**

**Имзои номзади илмҳои фалсафа, дотсент Л.Т. Назархудоеваро тасдиқ менамоям:**

Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Хоруғ
ба номи М. Назаршоев **Н. Саидраҳмонов**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Маълумот барои тамос:**

**Суроға:** 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,ш.
Хоруғ, кӯчаи Ш. Шотемур 109
Почтаи электронӣ: ksu.khorog@mail.ru